**Тақриз**

**ба автореферати Тоирзода Абдусаломи Раҳим «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

Дар забоншиносии тоҷик оид ба масъалаи таҳлилу таҳқиқи вижагиҳои калимасозии исм , усулҳои васли ҷузъҳои дохилии онҳо, нақш ва мақому мавқеи аносири луғавии алоҳида дар бунёди чунин захираҳои луғавии забон пажуҳишҳои илмии ҷолибе таълиф шудаанд, вале масъалаи мавриди баҳсро наметавон бо анҷом дода шудани ин гуна осори таҳқиқӣ ҳалшуда ва итмомёфта ҳисоб кард. То ҳол хусусиятҳои зуҳури чунин вожаҳо дар кулли даврони инкишофи забони адабии тоҷикӣ, доираи маънояшон ва монанди инҳо муаммоҳои алоҳида ҷой дошта, интизори таҳлиланд. Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим ба яке аз ҳамин гуна масъалаҳо – роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин бахшида шудааст.

Пажуҳиш аз муқаддима, се боб, хулоса, гавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст.

Дар муқаддима докторант доир ба мубрам будани мавзуи пажуҳиш, дараҷаи ҳаллу фаслгардии он дар забоншиносии тоҷик, мақсаду вазифаҳо, асосҳои назариву методологии он, сарчашмаҳои пажуҳиш ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариву амалӣ, навгониҳо, саҳми шахсии довталаб, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ андешаронӣ кардааст.

Боби якум, ки «Таҳқиқи тарзи калимасозии морфологӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин» ном дорад, фарогири ду фасл ва панҷ зерфасл буда, дар онҳо докторант нақши пешванду пасвандҳои сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсули исмсоз дар зуҳури вожаҳои нави сохта мулоҳизаронӣ кардааст.

Боби дуюми рисола мавсум ба «Калимасозии исм тавассути дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ» фарогири панҷ фасл ва якчанд зерфасл буда, докторант дар чунин бахшҳо кӯшидааст, ки роҷеъ ба дериватсияи дукарата, усули пешвандиву пасвандии ташаккули исмҳо, вандҳои исмсоз, нақши конверсияву субсатнтиватсияро баррасӣ намояд.

Боби сеюми рисола «Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин» шомили шаш фасл аст ва дар онҳо муаллифи рисола усулҳои бунёди исмҳои мураккаби пайвасту тобеъро дар осори шоир нишон диҳад, нақши ҳиссаҳои алоҳидаи нутқро дар ташаккули ин навъи исмҳо ошкор намояд.

Пажуҳиши илмииТоирзода А.Р.кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист, он баҳри ошкоргардии таърихи зуҳури исмҳои гуногунсохтор мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсияи Тоирзода А.Р. бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) таъйин шудаанд, мувофиқат мекунад.

Докторант аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 7 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 -Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) аст.

**Муқарриз**:
доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21
Имзои профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашрафро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Эҳсонҷон Наврӯзов
“31” 01 с.2024